## 5.1.3 (12 00 03) Частно-правовые (цивилистические) науки
## 5.1.3 Илмҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ (сивилистӣ)
## 5.1.3 Private law (civil law) sciences

***УДК*** *347.4*
***DOI*** *10.24412/2411-1945-2022-4-13-23*

### *МОҲИЯТИ КАФОЛАТҲОИ ҲУҚУҚҲО ДАР ШАРТНОМАИ КОНСЕССИОНӢ: ТАҲЛИЛИ ҲУҚУҚИЮ АМАЛӢ*

***Бобозода Умед*** *номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналхалқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;* ***Абдуллозода Аҳтам*** *унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи байналхалқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Тоҷикистон, Душанбе)*

### *СУЩНОСТЬ ГАРАНТИЙ ПРАВ В ДОГОВОРЕ КОНЦЕССИИ: ПРАВОВОЙ И ПРАКТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ*

***Бобозода Умед****, канд. экон. наук, доцент кафедры международного права Таджикского национального университета;* ***Абдуллозода Ахтам****, соискатель кафедры международного права Таджикского национального университета (Таджикистан, Душанбе)*

### *THE ESSENCE OF INSURANCE OF RIGHTS IN THE AGREEMENT OF CONCESSION; LEGAL AND PRACTICAL ANALYSIS*

***Bobozoda, Umed,*** *candidate of the sciences of economics, Associate Professor of the international law department under the Tajik National University;****Abdullozoda Akhtam,*** *claimant for candidate degree of the international law department under the Tajik National University (Tajikistan, Dushanbe)*
***E-MAIL****: abdulloev02@mail.ru*

*Табиати кафолатҳои ҳуқуқӣ аз рӯи меъёрҳои ҳуқуқ, восита ва усулҳои муайян, тадбирҳои масъулият ва муҳофизатӣ дар доираи шартномаи консессионӣ баррасӣ шудааст. Масъалаҳои умумии назариявии кафолат мавриди омӯзиш қарор дода шуда, андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ перомуни он баррасӣ гардидаанд. Консессия яке аз шаклҳои мураккаби шарикии давлат ва бахши хусусӣ маҳсуб дониста шуда, дар ин замина бандҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи консессияҳо", ҳамчунин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» оид ба кафолатҳои ҳифзи сармоягузорӣ ва ҳуқуқҳои сармоягузорон таҳлил карда шудааст. Пешниҳод гардидааст, ки кафолатҳои ҳуқуқи консессиядорон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо карда шавад: кафолатҳои моддӣ; кафолатҳое, ки бо мақсади ҳифзи ҳуқуқҳои моликияти консессиядор (кафолатҳои мурофиавӣ) муқаррар карда шудаанд; кафолатҳои истисноии ҳуқуқӣ. Хусусиятҳои шартномаи консессионӣ дар меъёрҳои байналмилалӣ ва қонунгузории кишвар шарҳ дода шудаанд.*

***Калидвожаҳо****: шартнома, кафолат, созиш, ҳуқуқ, консессия, ҳуқуқи байналмилалӣ,*

*сармоягузор*

*Рассмотрена сущность правовых гарантий с точки зрения правовых норм, отдельных средств и методов, меры ответственности и защиты в рамках договора концессии. Изучены общетеоретические вопросы гарантий и приведены мнения отечественных и зарубежных учёных. Считая концессию одной из сложных форм государственно-частного партнерства, проанализирован Закон Республики Таджикистан “О концессиях”, а также статьи Закона Республики Таджикистан “Об инвестициях” относительно гарантий защиты инвестиций и прав инвесторов. Предложено разделить гарантии прав концессионеров на группы: материальные гарантии; гарантии, устанавливаемые в целях защиты имущественных прав концессионера (процессуальные гарантии); исключительные юридические гарантии. Рассмотрены особенности концессионного договора, имеющиеся в нормах международного права и в законодательстве страны.*

***Ключевые слова:*** *договор, гарантия, соглашение, право, концессия, международное право, инвестор*

*The article dwells on the essence of legal guarantees from the point of view of law norms, separate media and methods, measures of answerability and advocacy in the frames of concession agreement. The authors have studied general theoretical issues of guarantees and adduced the viewpoints belonging to home and foreign scientists. Considering concession as one of the most complex forms of statal-private partnership they analyzed in this context Tajikistan Republic Law “**On Concession**” and the articles of Tajikistan Republic Law “**On Investments**” dealing with the guarantees of advocacy for investments and investor’s rights. It is proposed to divide concessioners’ rights into groups:material guarantees; guarantees established for advocacy of concessioner’s property rights (procedural guarantees); exceptionally juridical guarantees.The peculiarities of a concessional treaty included into the norms of international law and into the country’s legislation are canvassed as well.*

***Key-words:*** *agreement, insurance, agreement, law, concession, international law, investor*

Бо дарназардошти мавҷуд будани манфиатҳои оммавӣ дар муносибатҳои консессионӣ ва ба инобат гирифтани хусусияти субъективии чунин муносибатҳо, ки ба сифати як тарафи шартнома ҳамеша давлат баромад мекунад, масъалаҳои вобаста ба кафолатҳои ҳуқуқҳо, махсусан нисбат ба консессиядор мубрам мебошанд.

Дар иртибот ба чунин шакли ҳамкорӣ, вазифаи давлати муосир аз дуруст муайян кардани манфиати ҷамъиятӣ ва бахши хусусӣ, инчунин ҷустуҷӯи масири муносиб ва муайян намудани шартҳои муносиби ҳуқуқӣ ва кафолати татбиқшавӣ иборат мебошад[3, с.62].

Муҳтавои кафолатҳои ҳуқуқӣ инчунин дорои воситаҳои махсуси ҳуқуқӣ ва роҳҳое мебошад, ки тавассути онҳо дастгоҳи давлатӣ фаъолият карда, ҳокимияти давлатӣ амал мекунад ва татбиқ мегардад, ҳуқуқ ва озодиҳо ҳифз ва ҳимоя шуда, вайрон кардани онҳо пешгирӣ ва ҳуқуқҳои вайроншуда барқарор карда мешаванд[1, с.94].

Омӯзиши масъалаҳои умумии назариявии кафолат нишон медиҳад, ки баъзе муаллифон онҳоро ба ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқӣ ҷудо мекунанд[12, с.534-535], дигарон бошанд, кафолатро ҳамчун иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ баррасӣ мекунанд[8, с.17]. Мавқеи гуруҳи дуюми олимон бештар бо фаъолияти сармоягузории субъектҳои муносибати ҳуқуқии гражданӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳо вобастагӣ дорад, ки, албатта, бо иродаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқии кишвари қабулкунанда омезиш меёбад. У.Х. Бобоев ба аломатҳои умумиэътирофшудаи кафолатҳои ҳуқуқӣ дохил намудани чунин кафолатҳо, ки на ба ҳамаи субъектҳо дода шавад, балки танҳо ба онҳое ки дар фаъолияти муфиди онҳо

давлат манфиатдор мебошад ва кафолатҳои ҳуқуқӣ барои фароҳам овардани шароити воқеӣ барои истифодаи ҳуқуқҳо аз тарафи шахрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ барои манфиати худ дар доираи меъёрҳои муқарарнамудаи қонунгузорӣ ва дар ҳолати вайрон кардан - ҳимояи зарурирo пешбинӣ менамоянд, мақсаднок мешуморад[2, с.119]. Тавре дар адабиёти ватанӣ қайд карда шудааст, «зери мафҳуми кафолат андозаҳои муайяне, ки аз тарафи давлат муқаррар шуда, сармоягузорро аз вайронкуниҳои эҳтимолии ҳуқуқҳои ӯ ва ҳимояи пурраи онҳо дар ҳолатҳои вайронкунӣ, аз ҷумла таъмини субот дар қонунгузорӣ фаҳмида мешавад[5, с.48].

С.Н. Братус хусусияти ҳуқуқӣ ва моҳияти кафолатҳои ҳуқуқиро баррасӣ карда, қайд намуда буд, ки «кафолатҳои ҳуқуқӣ ҳам дар худи меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки ҳадафи онҳо танзим кардан тавассути муқаррар намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад ва ҳам дар он меъёрҳое, ки дар доираи онҳо воситаҳои ҳуқуқӣ ҳангоми вайрон кардани ин вазифаҳо амалӣ гардида, ҳамзамон ба воситаи маҷбуркунии давлатӣ татбиқи ҳуқуқи субъекти моддӣ ва иҷрои уҳдадории вайроншуда ва ё нав анҷом дода мешаванд, ба назар мерасад[6, с.91].

Андешаи Л.Д. Воеводин ҷолиб мебошад, ки мутобиқи он кафолат купруки боэътимод мебошад, ки асосҳои зарурии гузариши ҳуқуқи мақоми шахсӣ аз умумӣ ба шахсиро таъмин мекунад, аз ҷумла, дар қонун таҳияшударо ба воқеият табдил медиҳад. Таъкид мешавад, ки зери мафҳуми кафолатҳо шарт ва воситаҳои таъмини шароити мусоиди татбиққунандаи ҳифзи воқеӣ ва ҳамаҷонибаи ҳуқуку озодиҳои ҳар як шахс фаҳмида мешавад. Ба гуфтаи муаллиф, зери мафҳуми «шартҳо» бояд ташкили вазъи мусоид барои истифодаи ҳуқуку озодиҳои асосӣ ва иҷрои вазифаҳо ва зери мафҳуми «воситаҳо» - асбоби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва худи шахрвандон дар мубориза барои амалӣ намудани ҳуқуку озодиҳои асосӣ фаҳмида шаванд[7, с.221].

Дар маънои васеъ, зери мафҳуми кафолат низоми шартҳо, восита ва усулҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсию ахлоқӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилӣ фаҳмида мешавад, ки имконияти баробари шахсиятро барои амалӣ намудани ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои худ фароҳам меорад»[11, с.168].

Ҳамин тавр, табиати кафолатҳои ҳуқуқӣ аз рӯи меъёрҳои ҳуқуқ, восита ва усулҳои муайян, тадбирҳои масъулият ва муҳофизатӣ баррасӣ мешавад. Дар робита ба ин, ба андешаи мо, мебояд ақидаеро, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ ва илми ҳуқуқи дохилӣ дастгирӣ намуд, ки тибқи он кафолатҳои ҳуқуқӣ, асосан, тавассути тадбирҳои масъулият ва ҳифз баррасӣ мешаванд.

Вобаста ба ин, ақидаи Ш.М. Менглиевро дар хусуси он ки «кафолатҳои ҳуқуқӣ аз маҷмӯи меъёрҳои дар ҳуқуқ, озодӣ ва масъулияти шаҳрвандон эълоншуда иборат буда, тартиби мавҷудияти онҳоро дар воситаҳои ҳуқуқӣ муайян сохта, татбиқ ва ҳифзи онҳоро таъмин, масъулияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шахсони мансабдорро оид ба ҳифзи озодиҳои шаҳрвандон муайян ва усулҳои мушаххаси ҳифзро ба хотири барқарор кардани ҳуқуқҳои моликият ба воситаи татбиқи чораҳои масъулият ё ҳифз муқаррар месозад» асоснок мешуморем[9, с.280].

Дар воқеъ, ҳангоми эълон кардани ҳуқуқ, озодӣ ва уҳдадориҳо дар меъёрҳо имконияти татбиқи бомуваффақият ва ҳифзи ҳуқуқҳои амволӣ ва, дар баробари ин, иҷрои одилонаи шартнома пайдо мешавад. Ба ибораи дигар, кафолатҳои ҳуқуқӣ, махсусан кафолат аз рӯи шартномаи концессия бояд на тасаввуротӣ, балки хусусияти воқеӣ, на танҳо дар меъёрҳои ҳуқуқ, балки дар худи ҳамон шартнома бошад. Аз рӯи моҳият ҳама гуна шартномаи музднок, чӣ тавре ки дар илми ҳуқуқ дуруст қайд карда шудааст, бо манфиатҳои молиявӣ,

инчунин ташаббуси соҳибкорон вобастагӣ дорад[14, с.73], ки аз он метавонад консессиядор бархурдор шавад.

Сухан дар бораи он аст, ки консессия яке аз шаклҳои мураккаби шарикии давлат ва бахши хусусӣ маҳсуб меёбад, зеро он сармоягузории сармояи назарраси бахши хусусӣ, инчунин уҳдадориҳои консессиядорро барои сохтмон, таҷдид, азнавтаҷҳизонии техникӣ ва идоракунии объекти дахлдори консессия дар бар мегирад. Нигоҳ доштани тавозуни манфиатҳои давлат ва бахши хусусӣ маънои ноил шудан ба фаъолияти самараноки институти ҳуқуқии мазкур дар амал мебошад. Нақши муҳимро дар рушди муносибатҳои консессионӣ кафолатҳои давлатии консессиядор мебозанд.

Бояд дар назар дошт, ки тавсифи таъмини ҳуқуқии кафолатҳои ҳуқуқ дар доираи шартномаи консессионӣ тамоман нопурра мебуд, агар мо танҳо кафолати ҳуқуқӣ ва манфиатҳои қонунии яке аз тарафҳои шартномаро баррасӣ менамудем, ҳоло он ки аксарияти тамоюли муосири ҳуқуқ аз ибтидо асос ёфта, тибқи он на танҳо шахсони алоҳида, балки ҳамоҳангсозии муштараки манфиатҳои онҳо, инчунин манфиатҳои субъектҳои ба намудҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ алоқаманд зери таваҷҷуҳи давлат ва ҷомеа қарор мегиранд. Ғайр аз ин, ҳадафи ташкили кафолати ҳуқуқӣ таъмини манфиатҳои мутақобилаи давлат ва сармоягузории хусусӣ дар амалисозии фаъолиятҳои муштарак мебошад. Дар робита ба ин, муносибати қонунгузори Федератсияи Россия ҷолиб арзёбӣ мегардад, ки мувофиқи он кафолатҳои ҳуқуқии консессиядор дар худи қонун муқаррар шудаанд[16].

Дар асоси мавқеъ, ки ба имзорасонӣ ва татбиқи шартномаҳои консессионӣ, аз ҷумла ба ҷалби сармоягузориҳои хусусӣ дар соҳаҳои хусусияти иҷтимоидоштаи фаъолияти давлатӣ ва идоракунии самараноки амволи давлатӣ нигаронида шудааст, чунин мешуморем, ки нисбат ба консессиядор номгӯи кафолатҳои дар қонунгузории сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда бояд тавсеа дода шаванд. Аз ин рӯ, хусусияти хоси қонунгузории миллии консессия он аст, ки қонунгузор дар баробари салоҳияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ дар соҳаи танзими муносибатҳои консессионӣ кафолатҳоеро муқаррар мекунад, ки ба консессиядори пеш аз ҳама ба сифати сармоягузор баромадкунанда дахл доранд. Ҳамин тавр, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» аз 12 майи соли 2012 як қатор кафолатҳои ҳифзи сармоягузорӣ ва ҳуқуқҳои сармоягузоронро пешбинӣ менамояд. Аз ҷумла, кафолати баробарҳуқуқии сармоягузор, кафолатҳо ва тадбирҳои иловагии ҳимояи сармоягузорон, кафолати ҳуқуқи истифодаи даромадҳо, кафолати ҳуқуқҳои гузаронидани амалиёти асъорӣ, аз ҷумла мубодилаи озоди асъори миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дигар асъори мубодилашаванда, инчунин хариди асъори хориҷӣ барои пардохти амалиёти берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, кафолати иштироки сармоягузор дар хусусигардонии моликияти давлатӣ, ошкорбаёнӣ дар фаъолияти мақомоти давлатӣ нисбат ба сармоягузорон ва дастрасӣ ба иттилооти марбут ба татбиқи фаъолияти сармоягузорӣ, кафолатҳои ҳуқукҳои сармоягузор ҳангоми экспроприатсия, реквизитсия ва ғайра.

Зимнан, дар доираи талаботи Қонуни мазкур ба даст овардани ҳуқуқи консессия яке аз шаклҳои амалӣ намудани сармоягузории хориҷӣ муайян гардидааст. Вале, набояд фаромӯш кард, ки амалӣ намудани ҳуқуқи консессия аз ҷониби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон низ татбиқ мегардад ва дар моддаи 19 Қонуни зикршуда пешбинӣ шудааст, ки ҳуқуқҳои ба сармоягузорон пешниҳодшуда дар мавриди консессия тибқи шартномаи консессионӣ, ки дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо» баста шудааст, амалӣ мегарданд.

Далелҳои умумӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳангоми фаъолияти консессионӣ,

тарафҳои шартнома бояд ҳуқуқи истифода намудани кафолатҳои дар боло номбаршударо бо дарназардошти моҳияти консессия, дар шакли классикии худ дошта бошанд. Таҳлилҳои таърихӣ нишон медиҳанд, ки қаблан дар Тоҷикистон муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи инвеститсияҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» танзим карда мешуд. Чунин ҳолат дорои зарурати объективии худ буд, зеро давлат дар даврони аввали ба даст овардани истиқлолияти худ барои ҷалби бештари маҳз сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти миллӣ ниёзи бештар дошт. Мутаносибан, ин санади меъёрии ҳуқуқӣ ба сармоягузорони хориҷӣ имконият, ҳуқуқҳои васеъ ва кафолатҳои бештарро пешниҳод карда, бо ин роҳ сармоягузорони ватаниро дар вазъи нобаробар мегузошт. Чунин ҳолат дар аксари давлатҳои пасошӯравӣ ба мушоҳида мерасид. Дар адабиёт ҳамчунин қайд мегардад, ки ҳангоми қиёси шартҳои фаъолияти сармоягузорони хориҷӣ ва ватанӣ таассуроти нобаробарии ҳуқуқӣ эҳсос мегардад ва сабабаш дар он зоҳир мешавад, ки дар асоси низоми ҳуқуқии қонунгузории миллӣ сармоягузори хориҷӣ ва ташкилоти тиҷоратӣ бо сармояи хориҷӣ назар ба субъектҳои ватанӣ аз кафолат ва имтиёзҳои иловагӣ бештар баҳравар мебошанд[13, с.45]. Бо вуҷуди ин, рушди минбаъдаи ҳаёти иқтисодии кишвар ва ислоҳоти он дар дурнамо ҳамчун заминаҳои объективӣ водор намуданд, ки манбаъҳои нави сармоягузорӣ дар дохили кишвар ҷустуҷӯ ва такмили қонунгузорӣ дар қаринаи мавқеи баробари сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ амалӣ гардад.

Бояд қайд кард, ки тибқи моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо» ба консессиядор як қатор ҳуқуқҳо, аз ҷумла дар ҳудуди мавриди истифодааш сохтани биною иншоот, роҳҳои фаръӣ, роҳҳои васеи мошингард ва хатҳои алоқаи телеграфу телефон, ворид намудани тағйирот ба таркиби молу мулк, содир кардани маҳсулоти худ, бо тартиби судӣ шикоят кардан аз амалҳои ғайриқонунии мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор ва ғайра дода шудаанд.

Омӯзиши таҷрибаи беҳтарини консессия нишон медиҳад, ки имтиёз ва кафолатҳои қонунан барои консессиядорон муқарраршуда, ба ҷалби сармоягузорон ҷиҳати сармоягузории молиявӣ, техникӣ, технологӣ ва дигар воситаҳои худӣ дар беҳтар намудани амволи давлатӣ хизмат мекунанд. Амалияи миллии консессионӣ низ нишон медиҳад, ки сарфи назар аз набудани меъёрҳои ҳуқуқии дахлдор дар самти ба консессиядор пешниҳод кардани кафолатҳо, масъалаҳои ба ин монанд байни тарафҳои шартномаи консессионии басташуда танзим карда шуданд. Ҳамин тавр, дар асоси моддаи 4-и Шартномаи системаи энергетикии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз номи худ ва аз номи ҳамаи мақомоти худ эътимод, кафолат ва уҳдадориҳоро нисбат ба қонунан имзо намудани шартнома, бартараф кардани тамоми ихтилофот, ки ба бастани шартнома монеа мешаванд, аз ҷумла қабули санадҳои дахлдор, набудани баҳсҳои судӣ ва ҳуқуқӣ нисбат ба дороиҳои консессионӣ, кафолати дахолат накардани мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба фаъолияти консессиядор ҷиҳати гирифтани ҳуқуқи пурра ва истисноии сохтмони лоиҳа (объекти консессионӣ), идоракунии консессия ва иҷрои уҳдадориҳои пешбининамудаи шартномаи консессионӣ ва барои монеа нашудан ва халалдор насохтани консессиядор дар татбиқи консессия медиҳад. Аз ин бармеояд, ки муқаррарот дар бораи кафолатҳои консессиядор дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҳуқуқии консессионӣ хело масъалаи муҳим буда, набудани тафсири ҳуқуқии он дар қонун ҳамчун холигии ҷиддӣ дар қонунгузории миллӣ ҳисобида мешавад.

Таҳлили кафолатҳои консессиядорон дар доираи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва танзими ҳуқуқҳои консессиядор нишон медиҳад, ки аксари ин ҳуқуқҳо бо кафолатҳое фаро гирифта шудаанд, ки ба консессиядорон мутобиқи меъёрҳои моддӣ ва мурофиавии

қонунгузорӣ дода шудаанд. Ба фикри мо, кафолатҳои ҳуқуқи консессиядоронро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан зарур аст:

1) кафолатҳои моддӣ;

2) кафолатҳое, ки бо мақсади ҳифзи ҳуқуқҳои моликияти консессиядор (кафолатҳои мурофиавӣ) муқаррар карда шудаанд;

3) кафолатҳои истисноии ҳуқуқӣ[2, с.119].

Ба гурӯҳи якум он кафолатҳои ҳуқуқҳоеро бояд дохил намуд, ки тибқи онҳо аз рӯи қоидаҳои умумии милликунонӣ, мусодира, реквизатсияи амволи консессиядор, ки ба муассисаи консессионӣ гузошта шудааст, иҷозат дода намешавад, шартҳои шартнома бошанд, бо тартиби яктарафа дар асоси ягон фармон ё санади мақоми давлатии ваколатдор тағйир дода намешавад.

Гурӯҳи дуюми кафолатҳо он кафолатҳоеро пешниҳод мекунад, ки мутобиқи он консессиядор ҳуқуқ дорад дар сурати аз ҷониби контрагентҳо иҷро накардани ухдадорӣ (ё ба таври зарурӣ иҷро накардани он) ба суд муроҷиат намояд. Дар маҷмуъ, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ кафолат дода шудааст.

Гурӯҳи сеюми кафолатҳо вобаста ба кафолати ворид намудани тағйирот ба қонунгузорӣ мансуб мебошад, ки моҳиятан дар ҳамаи кишварҳо амалӣ мегардад. Сухан на танҳо дар бораи нигоҳ доштани ҳолати мавҷудаи тарафҳои шартномаи консессионӣ меравад, ки тибқи он ягон шакли муносибати табъизӣ роҳ дода намешавад, ҳамзамон масъалаҳоеро дахл мекунад, ки ба қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии вазнинкунандаи ҳолати худи субъектҳои консессия вобастаанд. Ба ҳамин монанд, таҷрибаи татбиқи меъёрҳои санадҳои байналмилалии хусусияти дуҷонибадошта, ки ба пешгирии андозбандии дукаратаи субъектҳои соҳибкорӣ равона шудаанд, фарқ мекунад. Бо вуҷуди ин, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо» принсипҳои мушаххасе муқаррар нагардидаанд, ки тибқи онҳо ва ҳангоми тағйир ёфтани қонунгузорӣ ҳимояи консессиядор пешбинӣ карда шавад. Дар ҳоле ки конседент аз рӯи манфиатҳои оммавии худ ва бо истифода аз салоҳияти ҳукмфармоиаш метавонад қароре қабул намояд, ки дар оқибати татбиқ ҳолати консессиядорро вазнин намояд. Дар асоси талаботи қонуни сармоягузорӣ метавон натиҷагирӣ намуд, ки дар сурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ, ки боиси бадшавии шартҳои амалишавии фаъолияти сармоягузорӣ мегарданд, сармоягузороне, ки сармоягузории дарозмуҳлатро амалӣ мекунанд, дар давоми 10 сол аз рӯзи интишори расмии чунин тағйирот, барои интихоби шароити мусоид ҳуқуқ доранд. Албатта, қонунгузор дар ин маврид он тағйиру иловаҳоеро ба қонунгузорӣ, ки ба масъалаҳои амнияти миллӣ, тандурустӣ, ҳифзи муҳити зист, одобу ахлоқ алоқманд ҳастанд, истисно менамояд (моддаи 8-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ»). Бо вуҷуди ин, муҳлати 10-солаи дар қонунгузории сармоягузорӣ муқарраршуда ба моҳияти шартномаҳои консессионӣ ҷавобгӯ нест, зеро одатан, чунин ҳамкории байни давлат ва бахши хусусӣ муҳлати тӯлонӣ, ҳатто даҳсолаҳоро фаро мегирад. Чунин андешарониҳоро дар таҳқиқоти олимони Россия низ мушоҳида кардан мумкин аст. Барои мисол, С.А. Сосна пешниҳод намуд, ки дар сурати паҳншавии «тавзеҳоти бобоӣ» ба консессиядорони хориҷӣ бояд амали он дар давоми камаш 10 сол тамдид карда шавад[15, с.210]. Беш аз ин, чӣ тавре ки амалияи миллии консессионӣ нишон медиҳад, дар шартномаи консессионӣ пешбинӣ шудааст, ки ягон тағйирот дар қонунгузорӣ пас аз санаи ба имзо расонидани шартнома наметавонад ҳуқуқ ва ухдадориҳои конседент ва тарафҳои маблағгузорро тағйир диҳад.

Вобаста ба масъалаи милликунонӣ ва реквизитсия қайд менамоем, ки он дар шароити ислоҳоти иқтисоди бозорӣ ва дар ҳолате, ки дар бозори истеҳсоли мол, хизматрасонӣ ва

иҷрои корҳо субъектҳои муносибати консессионӣ фаъолият карда, сармояи худро ба ин ё он соҳаи фаъолияти иқтисодӣ гузоштаанд, дорои оқибатҳои манфӣ мебошад. Дар баробари ин, фаромӯш набояд кард, ки консессиядорон, аз ҷумла консессиядорони хориҷӣ ба муносибатҳои шартномавӣ дохил шуда, дар як вақт таҳти таъсири низоми миллӣ карор мегиранд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ низ қайд шудааст, ки низоми миллӣ ба сармоягузории хориҷӣ шароити муайяни баробарро бо сармояҳои миллӣ кафолат медиҳад ва ҳамчун стандарти ҳадди ақалли байналмилалӣ баромад мекунад[15, с.119].

Дар маҷмуъ, кафолати ҳуқуқҳои консессиядор, аз ҷумла тибқи шартномаи консессионӣ дар меъёрҳои байналмилалӣ собит шуда, баъдан дар қонунгузории дохилии ҳар як кишвар дарҷ мегардад. Ҳамин тавр, чанде пеш то қабули Кодекси граждании кишварҳои узви ИДМ конвенсияи махсус дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои сармоягузор қабул карда шуд. Меъёрҳои моддаи 9 Конвенсияи ИДМ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои сармоягузор» аз 28 марти соли 1997[10, с.561], ҳифзи сармоягузориро аз милликунонӣ, реквизитсия, инчунин қарорҳо ва амали (ё беамалии) мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдор, ки ҳуқуқҳои сармоягузорро вайрон мекунанд, кафолат медиҳад. Тибқи ҳамин меъёр, сармоягузорӣ набояд милликунонӣ ва реквизитсия шавад, ба истисноии ҳолатҳое, ки (офати табиӣ, садамаҳо, эпидемияҳо ва дигар ҳолатҳои хусусияти фавқулодадошта) тибқи қонунгузории дохилии тарафҳои конвенсия пешбинӣ шудаанд ва ин тадбирҳо барои манфиатҳои ҷамъиятӣ андешида мешаванд, ки дар қонунҳои асосии (конститутсияи) кишварҳои қабулкунанда пешбинӣ гардидаанд.

Ҷиҳати иҷрои ин муқаррарот ва меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои пешбиникунандаи тартиби реквизитсия (моддаи 266-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон), мусодира (моддаи 267-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва милликунонии амвол (моддаи 268-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон) муқаррар карда шудааст. Бояд тазаккур дод, ки ин меъёрҳои Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои хусусиятҳои хос буда, бо тартиби ҳатмӣ ва ҳолатҳои истисноӣ истифода бурда мешаванд.

Ҳамин тавр, реквизитсияи амволи консессиядор танҳо дар сурати офати табиӣ, садамаҳо, эпидемияҳо ва дар ҳолатҳои дигар иҷозат дода мешавад, ки дорои хусусияти фавқулода буда, ба манфиати ҷомеа таъсир расонида бошад. Дар ин маврид кафолат дода мешавад, ки ҳангоми мусодираи амвол, арзиши он бо қарори мақоми салоҳиятноки давлатӣ пардохта мешавад.

Дар баъзе мавридҳо, ба хотири пешгирии оқибатҳои манфии имконпазир ҳангоми татбиқи экспертизаи объектҳо ва таъсири манфии онҳо ба саломатии инсон, захираҳои табиӣ, ҳифзи муҳити зист, бехатарии экологии ҷомеа, аз ҷумла пешгирии зарари расонидашуда аз ҷониби онҳо хангоми пешбурди фаъолияти маъмурӣ, иқтисодӣ, сармоягузорӣ ва дигар фаъолият бо тибқи қонунгузорӣ талабот оид ба экспертизаи давлатии экологии ҳатмӣ муқаррар карда шудааст.

Ҳамин тавр, мавриди арзёбии экспертизаи экологии давлатӣ лоиҳаҳои барномаю нақшаҳо…, пешгӯиҳо, ки татбиқи онҳо ба истифодаи захираҳои табиӣ алоқаманданд ва ё метавонанд ба муҳити зист таъсир расонанд, қарор мегиранд (моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ»).

Мутобиқи моддаи 268-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ки тавассути милликунонии моликият ба моликияти давлатӣ мубодила намудани амволе, ки ба шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ мансуб аст, танҳо ба воситаи қонуне, ки тибқи Конститутсия дар бораи милликунонии амвол қабул шудааст, иҷозат дода мешавад. Ҳамзамон, ба шахсе, ки амволи ӯ миллӣ кунонида шуд, арзиши он, инчунин дигар зараре, ки дар натиҷа расонида

шудааст, бояд ҷуброн карда шавад. Бинобар он ки милликунонӣ ҳамчун чораи истисноӣ баррасӣ мегардад ва қарор дар бораи он аз тарафи мақоми олии қонунбарори кишвар қабул мегардад, ин худ як навъ кафолат аст[4, с.79].

Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ки мусодира ҳамчун асос барои қатъ гардидани ҳуқуқи моликият мебошад (банди «г» қисми дуюми моддаи 259-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон). Падидаи мусодира низ бо моддаи 267 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст. Кафолати ҳуқуқи консессиядор дар сурати мусодираи амвол, ҳамчунин ба ҳолатҳои пешбининамудаи Қонун дахл дорад, ки агар амвол бо тартиби маъмурӣ (қисми 2, моддаи 267-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон) мусодира шавад. Бо вуҷуди ин, ба инобат гирифта мешавад, ки ба милликунонӣ ва реквизитсия, ҳамчун чораи истисноӣ, бо дарназардошти хусусиятҳои қонунгузории кишвари қабулкунанда татбиқ карда мешавад ва бе пардохти ҷуброни дахлдор ба сармоягузор аз ҷониби тарафҳои шартнома анҷом дода намешавад. Ягона ҳолате, ки аз нуктаи назари қонунгузор дур мондааст – қоидаҳое, ки тибқи он бояд танҳо зарар ба амвол ё даромади бадастнаомада низ ҷуброн карда шавад, муайян нагардидааст.

Ба консессиядор, ҳамчунин ҳуқуқи ҷуброни зараре, ки ба ӯ тавассути қабули қарорҳо ва амали (беамалии) мақомоти давлатӣ ё аз ҷониби шахсони мансабдор расонидашуда, ки ба қонунгузории кишвари қабулкунанда ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мухолифат мекунанд, кафолат дода мешавад.

Ҳамчун ҷузъи муҳими пешниҳоди кафолат ба консессиядорон – меъёри қонунгузорӣ дар бораи ҳалли баҳсҳо байни конседент ва консессиядор мебошад. М.М. Богуславский дуруст қайд мекунад, ки тарафҳо дар ҳама гуна муносибатҳои иқтисодӣ бояд эътимод дошта бошанд, ки онҳо дар ҳолати ба вуҷуд омадани баҳс барои ҳифзи манфиатҳои худ тавассути мақомоте, ки қобилияти баррасии чунин баҳсҳоро доранд, имкон доранд[4, с.193].

Бояд қайд кард, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо» назар ба қонуни соли 1997 қабулшуда ҳуқуқҳои конседентро бо тартиби яктарафа бекор кардани шартномаи консессионӣ пешбинӣ намекунад, ки воқеан ҳамчун кафолати махсуси ҳуқуқи консессиядор мебошад. Бо вуҷуди ин, тартиби ҳалли баҳсҳое, ки байни конседент ва консессионер дар доираи фаъолияти консессионӣ ба амал меояд, такмили минбаъдаро талаб мекунад.

Тафсири духураи муайян намудани тартиби баррасии баҳсҳо байни сармоягузор ва давлати қабулкунанда, ки дар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» ва «Дар бораи консессияҳо» дарҷ шудаанд, метавонад ба тафсири нодурусти меъёрҳои ҳуқуқ оварда расонад. Пас, дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» баҳсҳои сармоягузории байни иштирокчиёни фаъолияти сармоягузорӣ тибқи шартҳои дар шартнома пешбининамуда байни тарафҳо ҳал карда мешаванд. Дар сурати мавҷуд набудани чунин шартномаҳо, баҳсҳои сармоягузории байни иштирокчиёни фаъолияти сармоягузорӣ то ҳадди имкон ба василаи мулоқоти тарафҳо ва дар сурати ғайриимкон будан, дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, судҳои ҳакамӣ, суди байналмилалии арбитражӣ ва арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ мутобиқи қонунгузории миллӣ ва санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ҳал карда мешаванд. Моддаи 19-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо» пешбинӣ менамояд, ки баҳсҳо байни консессиядор ва конседент дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мегардад, агар дар шартномаи консессионӣ ва санадҳои ҳуқуқи байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад. Дар ҳолати ҳал нашудани баҳсҳо тарафҳо ҳуқуқ доранд, ки бо тартиби пешбинишуда ба суд муроҷиат намоянд. Яъне, дар ин ҷо ба таври қонунӣ ҳуқуқи тарафҳо ҷиҳати шикоят кардан ба арбитражи байналмилалӣ

ва судҳои ҳакамӣ наомадааст. Аз ин рӯ, мавқеи қонунгузории сармоягузорӣ, ба фикри мо бештар қобили қабул ва ҷавобгӯ ба талаботи воқеии тарафҳои шартномаи консессионӣ, алалхусус консессиядор оид ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои худ ҳисобида мешавад. Ин мавқеъ, бо он асоснок карда мешавад, ки дар амалияи консессионии миллӣ тибқи шартномаи басташуда мурофиаи ҳакамии баҳсҳо тибқи қоидаҳои арбитражии Палатаи байналмилалии савдо бо қароргоҳ дар Женева пешбинӣ шудааст, дуюм арбитражи байналмилалӣ дорои таҷрибаи калони андӯхташуда буда, имкон дорад баҳсҳои мушкили давлатӣ-хусусиро дар сатҳи касбӣ мавриди баррасӣ қарор диҳад. Бар замми ин, ба тасвиб расидани Конвенсия оид ба танзими баҳсҳои сармоягузорӣ байни давлатҳо ва шахсони ҳуқуқии давлатҳои дигар, ки аз талаботи кишварҳои музокирот оид ба дохил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) бармеояд, аз иродаи сиёсии давлат ҷиҳати ба баррасии Маркази байналмилалии ҳалли баҳсҳои сармоягузорӣ додани баҳсҳо ва ҳамчун имконоти нави ҳифзи ҳуқуқи моликияти сармоягузорон-консессиядорон далолат медиҳад.

Дар ин маврид, мақомоти консессионӣ, инчунин онҳое ки ба сифати тарафҳои муносибатҳои консессионӣ баромад мекунанд, кафолатҳои ҳуқуқҳои онҳо дар асоси муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба таъмини ҳуқуқии фаъолияти онҳо нигаронида шудаанд, асос ёфтааст. Аз ҷумла, кафолатҳои алоҳидаи ҳуқуқҳои мақомоти консессионӣ дар моддаҳои 7 ва 8-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо» пешбинӣ шудаанд.

Мақомоти консессионӣ, тарафҳои шартномаи консессионӣ дар шахсияти мақомоти идоракунии давлатӣ, мақомоти идоракунии ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо ҳуқуқ доранд на танҳо назорати риояи шартҳои шартномаи консессионӣ, балки мониторинги фаъолияти консессионии онҳоро амалӣ намоянд. Мақомоти идоракунии давлатӣ дар соҳаи дахлдори консессияҳо барои назорати фаъолияти корхонаҳои консессионӣ ваколат доранд.

Ҳамзамон, дар қонунгузорӣ дарҷ нагардидани принсипи устувории шартҳои шартномаи консессионӣ метавонад ба вайрон шудани ҳуқуқҳои консессиядорон оварда расонад. Аз ин рӯ, пешниҳод мегардад, ки тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи консессияҳо” чунин принсип пешбинӣ карда шавад.

Дар робита ба аҳамияти махсуси танзими масъалаҳои кафолатҳои ҳуқуқии консессиядорон пешниҳод мешавад, ки ба қонунгузории дахлдор ба таври мушаххас кафолатҳои давлатии ҳифз ва таъмини амволи консессиядорон ва риояи ҳуқуқҳо ба моликият ва манфиатҳои қонунии онҳо муқаррар карда шаванд. Бо ин мақсад ду усули ҳалли масъала пешниҳод мегардад:

а) Дар боби алоҳидаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи консессияҳо" ба танзим даровардани кафолатҳои ҳуқуқӣ ва манфиатҳои қонунии консессиядор, ҳамзамон модда ба модда таҳия намудани номгӯи кафолатҳои ҳуқуқии зарурӣ барои татбиқи самаранок ва бемонеаи фаъолияти консессиядорон;

б) Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо» илова кардани моддаи 19 бо ном ва мазмуни зерин:

«Моддаи 19. Кафолати ҳуқуқҳои консессиядор

Ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии консессиядор тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқи байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, кафолат дода мешавад. Кафолатҳои бо қонунгузории сармоягузорӣ пешбининамуда метавонад, ба субъектҳое, ки ба сифати консессиядор дар шартномаи консессионӣ баромад мекунанд, тавсеа гардад».

Дар асоси принсипи баробарҳуқуқии консессиядорони ватанӣ ва хориҷӣ чунин

наворарӣ ба иҷрои самараноки шартномаи консессионӣ бо мақсади таъмини ҳавасмандгардонӣ, азнавсозӣ ва фаъол намудани фаъолияти субъектҳои консессионӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳу манфиатҳои қонунии тарафҳои шартномаи консессионӣ равона мегардад.

***ПАЙНАВИШТ:***


1. *Баиева Н.А. Юридические гарантии российского социального государства: дис…канд. юрид. наук/ Н.А. Баиева. - Ставрополь, 2005. – 196 с.*
2. *Бобоев У.Х. Организационно-правовые формы совместной хозяйственной деятельности / У.Х. Бобоев. - Душанбе, 2004. - 185 с.*
3. *Богатырева А.Г. Гармонизация частных и публичных интересов: Сборник научных статей. Серия: Право России: новые подходы. Выпуск 2 / Под. ред. М.В. Немытиной, В.А. Хохлова, В.Д. Рузановой, А.А. Тарасова. – Саратов: Научная книга, 2005. - С. 62-68.*
4. *Богуславский М.М. Иностранные инвестиции: правовое регулирование/ Богуславский М.М. – Москва: БЕК, 1996. – 462 с.*
5. *Бозоров Р.Б. Гарантии защита прав человека-инвестора / [Текст] Бозоров Р.Б. // Государство и право. – 2007. - №1. - С. 48-56.*
6. *Братусь С.Н. Юридическая ответственность и законность / С.Н. Братусь. - Москва, 1976. - 216 с.*
7. *Воеводин Л.Д. Юридический статус личности в России / Л.Д. Воеводин. - Москва: Изд-во МГУ, Издательская группа ИНФРА • М-НОРМА, 1997. – 304 с.*
8. *Менглиев Ш.М. Защита имущественных прав граждан / Ш.М. Менглиев. – Душанбе: Ирфон, 1989. –156 с.*
9. *Менглиев Ш.М. Избранные труды по гражданскому праву / Ш.М. Менглиев. - Душанбе: Истеъдод, 2011. – 696 с.*
10. *Международное право в документах. Сборник международно-правовых актов и внутреннего законодательства Республики Таджикистан. - Душанбе, 2011. - 561 с.*
11. *Мордовец А.С. Социально-юридический механизм обеспечения прав человека и гражданина / Мордовец А.С. – Саратов, 1996. – 287 с.*
12. *Нерсесянц В.С. Общая теория права и государства / Нерсесянц В.С. – Москва: Норма-Инфра-М, 2001. – 560 с.*
13. *Платонов Н.Л. Законодательное регулирование иностранных инвестиций в экономику России / [Текст] Н.Л. Платонов // Гражданское право. – 2000. - №6. – С. – 45-52.*
14. *Рахимов М.З. Конечный результат предпринимательской деятельности: теория и правовое регулирование / Рахимов М.З. – Душанбе, 2007. – 294 с.*
15. *Сосна С.А. Концессионное соглашение: теория и практика / С.А. Сосна. – Москва: ООО «Нестор Академик Паблишерз», 2002. – 256 с.*
16. *Система «Гарант». Энциклопедия российского законодательства. Специальный выпуск, апрель 2009. DVD-версия.*


***Reference Literature:***


1. *Baiyeva N.A. Juridical Guarantees of the Russian Social State. Candidate dissertation in jurisprudence// N.A.Baiyeva.- Stavropol.2005.-196pp.*
2. *Boboyev U.H. Organizational Legal Forms of Joint Economic Activity// U.N.Boboyev.- Dushanbe. 2004 .- 185pp.*
3. *Bogatyryova A.G. Harmonization of Private and Public Interests. Collection of scientific articles. Series: The Law of RUSSIA. new Approaches. issue 2// Under the editorship of*

*M.V.Nemytina, V.A.Khokhlov, V.D.Ruzanova, A.A.Tarasov. - Saratov: Scientific Book. 2005. - pp.62 - 68*

4. *Boguslavsky M.M. Foreign Investitures: Legal Regulation// M.M.Boguslovsky.- Moscow: BEK.1996. - 462pp.*
5. *Bozorov R.B. Guarantees of Advocacy of Rights in Reference to a Person-Investor. // R.B. Bozorov// State and Law.-2007, №1.-pp. 48 - 56*
6. *Bratus S/N/ Juridical Responsibility and Legality// S.N. Bratus. Moscow. 1976. - 216pp.*
7. *Voevodin L.D. Juridical Status of Individual in Russia/ L.D.Voevodin. Moscow: MSU Publishing House. INFRA. M-NORM publishing company. 1997. - 304pp.*
8. *Mengliyev Sh.M. Advocacy of Citizens' Property Rights// Sh.M.Mengliyev. Dushanbe: Cognition. 1989. – 156pp.*
9. *Mengliyev Sh.M. Selected Works on Civil Law// Sh.M. Mengliyev. - Dushanbe.-Endowment. 2011.-696pp/*
10. *International Law in Documents. Collection of International–Legal Instruments and Internal Legislation of Tajikistan Republic. – Dushanbe. 2011. - 561pp.*
11. *Mordovets A.S. Social-Juridical Mechanism of Insurance of Rights for Man and Citizen// Mordovets A.S. – Saratov. 1996. – 287pp.*
12. *Nersesyants V.S. General Theory of State and Law// V.S.Nersesyants.-Mocow: Norm-Infra-M. 2001.- 560pp.*
13. *Platonov N.L. Legislative Regulation of Foreign Investments into the Economy of Russia// N.L.Platonov// Civil Law. 2000, №6 – pp.45 - 52*
14. *Rahimov M.Z. Final Results of Entrepreneurial Activity. Theory and Legal Regulation// M.Z.Rahimov. Dushanbe. 2007. – 294 pp.*
15. *Sosna S.A. Concessional Agreement: Theory and Practice // S.A.Sosna. Moscow: "Nestor Academic Publishers" Assoc. Ltd. 2002. - 256pp.*
16. *"Guarantor" System. Encyclopedia of Russian Legislation. Special Issue, April 2009. DVD-version.*